“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, д.и.ф., профессор
_________ Гулназарзода Ҷило Бурӣ
«22» ___январи___ соли 2022

## ХУЛОСАИ

Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи **«Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Диссертатсия дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик иҷро шудааст.

Муҳокимаи даври аввали диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 22.10.2021, №3 баррасӣ шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” иртибот дошта, масоили ҳифз ва гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва пажӯҳиши он дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва маънавиёт яке аз вазифаҳои муҳимми илмӣ ватанӣ маҳсуб меёбад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда 8 мақола, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**

1. Нодирова, М.А. Ҳунари портретофарии Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. - №4/5. – С. 252-255. ISSN 2413-516X

2. Нодирова, М.А. Ҷанбаи таърихии романи «Фирдавсӣ»- и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Маҷаллаи илмии «Суханшиносӣ». - 2019.- №1. - С.128-135. ISSN 2308-7420

3. Нодирова, М.А. Маҳорати муколамаофарии Сотим Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – 2018. - №6. - С. 272-276. ISSN 2413-516X

4. Нодирова, М.А. Рӯдакӣ дар тасвири Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №4. - С. 178- 181. ISSN 2413-516X

5. Нодирова, М.А. Тасвири бадеӣ ва воқеӣ дар романи «Фирдавсӣ»- и Сотим Улуғзода / М.А. Нодирова // Паёми донишкадаи

забонҳо. – 2018. - № 2-3 (30-31). – С. 60-65. ISSN 2226–9355

6. Нодирова, М.А. Маҳорати накшофарии Сотим Улуғзода дар тасвири Шивочӣ /М.А. Нодирова // Паёми донишкадаи забонҳо 2021.- №2 (42).- С . 146- 150 ISSN 2226–9355

7. Нодирова, М.А. Чеҳраҳои таърихӣ дар повести “Ривояти Суғдӣ”/ М.А. Нодирова // Паёми донишкадаи забонҳо 2021.- 3 (43).- С .86 -90 ISSN 2226–9355

**Дар дигар нашрияҳои илмӣ:**

8.Нодирова М. Симо ва нақши Шивочӣ дар осори Сотим Улуғзода // Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – С.96-100. ISBN 978-99985-951-6-3.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 8 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (2018-2020), Конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (2018-2021) маъруза шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ дар таҳқиқоти адабиёти муосир ва коргоҳи эҷодии адибони ҷудогона аз тарафи муҳаққиқони минбаъда ба кор гирифта мешавад. Инчунин, натиҷаҳои бадастомада метавонад дар шинохти бештари ҳунари нависандагии С.Улуғзода ба сифати сарчашмаи илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин, ба ҳайси як заминаи назарӣ барои пажӯҳишҳои минбаъда хизмат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола

коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти шинохти чеҳраҳои фарҳангиву таърихӣ дар адабиёти бадеӣ ва махсусан дар омӯзиши эҷодиёти С. Улуғзода мавриди истифода қарор гирад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муллиф дар заминаи ҷамъоварии мавод ва сарчашмаҳои амиқи истифодашуда аввалин маротиба дар илми ватанӣ чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзодаро мавриди пажӯҳиши ҷудогона қарор додааст. Дар заминаи омӯзиш бори нахуст муллиф вижагиҳои насрӣ, ҳунари портретофарӣ ва маҳорати эҷоди муколама дар коргоҳи адабии Сотим Улуғзода, инчунин, принсипи таърихият ва вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти адибро дар илми ватанӣ таҳқиқ намудааст.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи муҳокимашуда кори илмию таҳқиқотии мукаммал ва анҷомёфта ба шумор меравад.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дифоъ ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 21.01.2022, №6-8/4 қабул шудааст.

Дар ҷаласа ҳузур доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ “ҷонибдор” 14 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест, суратҷаласаи № 6-8/4, аз 21 январи соли 2022.

**Раисикунанда**: раиси Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики ДДЗТ ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдураҳимов Б.А.

**Ташхисгарон:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Худойдодов А.О.

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Юнусӣ А.

**Котиби ҷаласа:** котиби Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик Қаҳорзода М. В.

Имзоҳои Абдураҳимов Б.А., Худойдодов А.О., Юнусӣ А. ва Қаҳорзода М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Наҷмуддинов Ш. М.

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj
E-mail : ddzt@ddzt.tj